Қоидаҳои
қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2026-2027

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Қоида) дар асоси моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 37 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018 №306 тасдиқ шудааст ва Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли таҳсили 2025-2026, ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм аз 28 марти соли 2025 № 5/5 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

2. Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон, ташкил ва гузаронидани суҳбат (озмун)-и қабул бо фармоиши ректори Донишгоҳ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон ректор мебошад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба зиммаи муовини раис (муовини ректор оид ба корҳои таълим-методӣ) гузошта мешавад.

3. Ректор аз ҳисоби омӯзгорони таҷрибадор котиби масъули комиссияи қабулро баъд аз мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин менамояд.

4. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад қабули довталабонро аз рӯйи ихтисосҳои дар замимаи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ буда эълон намояд.

5. Донишгоҳ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

6. Қабули донишҷӯён ба Донишгоҳ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи равия ва самти ихтисосҳои амалкунанда, аз ҳисоби ҷойҳои холии буҷавӣ ва шартномавӣ дар доираи замимаи иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ амалӣ карда мешавад.

7. Довталабоне, ки аз рӯйи дигар равия ва самти ихтисосҳо собиқаи зиёди корӣ доранд бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба равия ва самти ихтисосҳои мувофиқ дар Донишгоҳ қабул карда мешаванд.

8. Комиссияи қабули Донишгоҳ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯйи саволномаҳои суҳбат (озмун)-ро аз рӯйи равия ва ихтисосҳо таҳия намуда, теъдоди қабули донишҷӯёнро тибқи нақшаи қабул аз рӯйи равия ва ихтисосҳои амалкунанда аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва шартномавӣ эълон намояд.

9. Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (давлатӣ ва ғайридавлатӣ)-ро аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ё шартномавӣ бо «Дипломи аъло» хатм намудаанд, дар сурати мувофиқати самти ихтисос ба курси 2-юми шуъбаҳои рӯзона ва ё фосилавии Донишгоҳ (ба ҷойҳои холии буҷавӣ ва шартномавӣ) бе суҳбат қабул карда мешаванд.

10. Шахсоне, ки гурӯҳҳои буҷавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро бо дипломи муқаррарӣ хатм намудаанд, пас аз 3 соли хатм ва фаъолияти корӣ дар истеҳсолот дар сурати мувофиқати равия ва самти ихтисос ба курси 2-юми шуъбаҳои рӯзона, фосилавӣ (ба ҷойҳои холии буҷавӣ ва шартномавӣ) тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.

11. Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи тиббиро хатм кардаанд, танҳо ба гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум (тиб)-и Донишгоҳ тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.

12. Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро аз рӯйи ихтисосҳои омӯзгорӣ хатм намудаанд ва зиёда аз панҷ сол собиқаи кори омӯзгорӣ доранд, ба курси 2-юми шуъбаи таҳсилоти фосилавии Донишгоҳ (соҳаи омӯзгорӣ) бе суҳбат қабул карда мешаванд.

13. Мӯҳлати қабули ҳуҷҷатҳои довталабон (довталабони шуъбаҳои рӯзона, фосилавӣ) ба муассисаи таълимӣ аз 01 июл то 25 август муқаррар карда мешавад.

14. Муҳлати қабули такрории ҳуҷҷатҳои довталабони шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ ба муассисаи таълимӣ аз 1 сентябр то 20 декабр муқаррар карда мешавад.

15. Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамоянд:

-ариза ба номи ректор (директор);

-ҳуҷҷат дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ намунаи давлатӣ (асл);

- маълумотномаи тиббӣ (шакли № 038);

- 6 адад сурат (андозаи 3х4 см);

- шиноснома;

- билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда (барои писарон);

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (барои нафароне, ки дар истеҳсолот кор мекунанд);

-шаҳодатномаи баробарарзишӣ (барои нафароне, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии хориҷи кишварро хатм кардаанд).

16. Довталабоне, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи касбиро дар хориҷи кишвар хатм кардаанд, баъд аз баробарарзиш намудани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) дар Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷат пешниҳод намоянд.

17. Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншудаи комиссияи суҳбат (озмун) бесабаб ҳозир нашудаанд, аз суҳбат (озмун) нагузашта ҳисобида мешаванд.

18. Натиҷаи суҳбат (озмун) дар протоколи махсус қайд карда мешавад.

19.Дар давраи гузаронидани суҳбат (озмун)-и қабул бо фармоиши ректор комиссияи апеллятсионӣ таъсис ёфта, раиси он таъин карда мешавад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба уҳдаи муовини раиси комиссияи апеллятсионӣ гузошта мешавад. Ба ҳайати комиссияи апеллятсионӣ омӯзгорони таҷрибадори соҳавӣ ҷалб карда мешаванд.

20. Аз рӯзи эълони натиҷаҳои суҳбат (озмун) довталаб ҳуқуқ дорад, ки ба комиссияи апеллятсионӣ ба таври хаттӣ дар муҳлати на дертар аз 3 рӯз муроҷиат намояд.

Баррасии апеллятсия аз нав аз суҳбат (озмун) гузаштан набуда, танҳо санҷиши дурустии баҳои суҳбат (озмун)-и дохилшавӣ мебошад.

21.Баъди баррасии апеллятсия қарори комиссияи апеллятсионӣ оид ба натиҷаи суҳбат (озмун) қабул карда мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурати тағйир додани натиҷаи суҳбат бо қарори комиссияи апеллятсионӣ дар протоколи суҳбат тағйирот ворид карда мешавад.

22. Ҳаҷми маблағи таҳсил барои таълими шартномавӣ дар асоси Нархномаи таҳсили як нафар донишҷӯй дар гурӯҳҳои шартномавии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2025-2026, ки аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ гардида, бо директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон ва сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст, дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| № | Номгӯйи ихтисосҳо | Маблағи таҳсил | |
|---|---|---|---|
| | | **рӯзона** | **фосилавӣ** |
| 1. | 108010107 - Таълими касбӣ (информатика) | 3570 | 2856 |
| 2. | 1360101 - Технологияи мошинсозӣ | 2940 | - |
| 3. | 1400101 - Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ | 3570 | 2856 |
| 4. | 1400102 - Технологияи ва низоми иттилоотӣ (дар энергетика) | 3570 | 2856 |
| 5. | 1400301 - Зеҳни сунъӣ | 3570 | - |
| 6. | 140030102 - Зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошинӣ | 3570 | 2856 |
| 7. | 140030103 - Зеҳни сунъӣ дар тиб | 3570 | 2856 |
| 8. | 143010202 - Лоиҳакашӣ, насб ва истифодабарии шабакаҳои энергетикаи барқӣ | 3570 | 2856 |
| 9. | 14301020301 - Идоракунии шабакаҳои барқӣ бо истифодаи зеҳни сунъӣ | 3570 | 2856 |
| 10. | 14401020101 - Рақамикунонии логистикӣ ва нақлиёт | 3570 | - |
| 11. | 144010303 - Ташкил ва бехатарии ҳаракат дар роҳ | 3740 | 2992 |
| 12. | 152020101 - Технология ва таҷҳизоти маҳсулоти заргарӣ | 3080 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 13. | 154010105 - Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | 3570 | 2856 |
| 14. | 1560101 - Заминсозӣ | 3740 | 2992 |
| 15. | 1700301 - Роҳҳои автомобилгард | 3740 | |
| 16. | 1700403 - Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | 3740 | 2992 |
| 17. | 198010101 - Амнияти компютерӣ (усулҳои риёзӣ ва системаҳои барномавӣ) | 3570 | |
| 18. | 198010203 - Амнияти киберӣ ва ҳифзи додаҳо | 3570 | |
| 19. | 1250103 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 3570 | |
| 20. | 1250104 - Молия ва қарз | 3740 | 3553 |
| 21. | 125010410 - Менеҷменти молиявӣ | 3740 | 3553 |
| 22. | 125010805 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | 3740 | 3553 |
| 23. | 125011026 - Иқтисоди рақамӣ | 3740 | 3553 |
| 24. | 125011027 - Блокчейн-технологияҳо дар молия | 3740 | |
| 25. | 1250111 - Аудит ва ревизия | 3740 | 3553 |
| 26. | 126020203 - Менеҷменти инноватсионӣ | 3740 | |
| 27. | 1570102 - Менеҷменти экологӣ ва аудит дар саноат | 3740 | |
| 28. | 1890101 – Сайёҳат ва меҳмондорӣ | 3740 | |
| 29. | 108010101 - Педагогикаи рақамӣ | 3740 | 2992 |
| 30. | 11901010303 - Дизайни саноатӣ ва 3D моделиронӣ | 3740 | 2992 |
| 31. | 1-19010105 – Дизайн (костюм ва газвор) | 2915 | |
| 32. | 1210601 - Забонҳои муосири хориҷӣ | 3570 | |
| 33. | 1260102 - Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | | 3553 |
| 34. | 13101010121 - Биохимияи тиббӣ | 3740 | |
| 35. | 13104010112 - Биофизикаи тиббӣ | 3740 | 3553 |
| 36. | 131050103 - Химия (фаъолияти дорусозӣ) | 3740 | 3553 |
| 37. | 148020102 - Технологияи таркиби доруворӣ, витаминҳо ва ферментҳо | 3740 | 3553 |
| 38. | 1740206 - Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти растанипарварӣ | 3080 | |
| 39. | 140030101 - Зеҳни сунъӣ дар иқтисодиёт | 3740 | 2856 |

23.Довталабони гурӯҳҳои шартномавӣ баъди аз суҳбат (озмун) гузаштан, фақат дар сурати пардохт намудани маблағи таҳсил тибқи талаботи қарордод ба Донишгоҳ қабул карда мешаванд.

24. Донишгоҳ аз натиҷаи фаъолияти кори комиссияи қабул ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои қабули довталабони шуъбаи рӯзона то 20 сентябр ва барои довталабони шуъбаи фосилавӣ то 30 декабр маълумоти муфассал пешниҳод менамояд.

25.Фармоиши ректор оид ба қабули донишҷӯён ба Донишгоҳ (рӯзона то оғози соли таҳсил, фосилавӣ то 30 декабр) аз тарафи ректори Донишгоҳ ба имзо мерасад.

26.Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули донишҷӯёни Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба амал бароварда мешавад.

27.Таъмин, риоя ва иҷрои Қоидаҳои қабул барои Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад.